# ТАҚРИЗИ

## муқаррizi расмӣ ба диссертатсияи номзадии

## Сайфиддинова Гулчехра Азимовна дар мавзӯи “Инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар матбуоти даврии Тоҷикистон (дар заминаи маводи нашрияҳои “Ҷумҳурият” ва “Озодагон” – 2000-2015)” барои дарёфти унвони номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ

Диссертатсияи номзадии Сайфиддинова Г.А., ки вазъи инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар матбуоти даврии Тоҷикистонро таҳқиқ мекунад, яке аз мавзӯъҳои муҳимми на танҳо журналистика, балки ҷомеаи муосир мебошад, зеро муҳоҷират ҳамчун раванди табиии ҳаёт қисми таркибии муносибатҳо, ба ҳампайвандии одамон ва агар аз як тараф, омили гуногунрангии ҷаҳон, пешрафти иқтисодӣ ва таъсирпазириҳои иҷтимоиву фарҳангӣ бошад, аз ҷониби дигар, навъи меҳнатии муҳоҷират чун мушкилоти асосии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии миллатҳо сохторҳои идоракуниро ба ташвиш овардааст.

Диссертант ҳақ аст, ки дар раванди ҷаҳонгароӣ ва ҷаҳонисозӣ ҳодисаҳои рӯзмарраи вобаста ба воқеияти муҳоҷират омили таҳрикдиҳандаи фаъолияти рӯзноманигорӣ буда, касбият дар инъикоси масъалаи мазкур муҳим аст, зеро чигунагии ин тасвир ба ҷараёни иттилооти байналмилалӣ таъсир мегузорад.

Муҳиммияти таҳқиқи мавзӯи мазкур низ дар он аст, ки нақши барҷастаи воситаҳои ахбори оммаро дар равиши мусбати амалишавии муҳоҷират, ҷараёни ҳалли мушкилоти иҷтимоиву фарҳангии дар заминаи он арзи ҳастикарда, ба вуҷуд овардани чеҳраи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии муҳоҷир ҳамчун типи иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор дода, ба коркард ва арзёбии дурнамои касбии воситаҳои ахбори омма мусоидат менамояд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёту сарчашмаҳо иборат аст.

Дар ду фасли боби якуми диссертатсия, ки “Баъзе ҷанбаъҳои таърихӣ ва ҳуқуқии муҳоҷирати меҳнатӣ” ном дорад, омилҳои иҷтимоии пайдоиши муҳоҷират ва ҷанбаъҳои танзими ҳуқуқии он таҳқиқ шудааст.

Аз нигоҳи мо, таваҷҷуҳ ба заминаҳои иҷтимоии пайдоиши муҳоҷират ва мурурe ба марҳилаҳои таърихии он агар чун омили вуруд ба мавзӯъ шинохта шавад, ҷанбаъҳои ҳуқуқии танзими муҳоҷирати меҳнатӣ ҳамчун идомаи мантиқии фасли аввал омили муҳимме барои таҳқиқ дар бобу фаслҳои баъдӣ ва матлабҳои баррасишаванда аст.

Диссертант ҳангоми таҳқиқи ҷанбаъҳои ҳуқуқии танзими муҳоҷират ба сарчашмаҳои гуногун, аз ҷумла, муҳаққиқони илмҳои таърих ва иқтисод муроҷиат карда, зимни пешниҳоди онҳо нуктаи назари худро низ хеле бамаврид изҳор кардааст, ки арзиши таҳқиқи ӯро боло мебарад. Масалан, ӯ аз иқтисодшиносон иқтибос меорад, ки ҳуҷҷатҳои ҳуқуқиву меъёрии дар заминаи муҳоҷирати меҳнатӣ қабулшударо арзёбӣ карда, онҳоро нафақат бенизому зидди мантиқи оддӣ шинохтаанд, балки гуфтаанд, ин қонунҳо камарзиш буда, тавоноии танзими муҳоҷирати меҳнатии берунаро аз нуқтаи назари манфиатҳои муҳими сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ надоранд.

Диссертант мавқеи худро баён карда менависад, ки ба ин ақида дар заминаи воқеияти раванди инкишофи муҳоҷирати меҳнатӣ наметавон розӣ шуд. Албатта, дар роҳи танзими ҳуқуқии раванди муҳоҷирати меҳнатӣ камбудиҳо буданд, вале корҳои анҷомгирифта ва ин ҳама омодагиҳоро дар танзими ҳуқуқии ин ҷараён наметавон манфӣ арзёбӣ кард. Дар идома барои тасдиқи фикри худ аз созишномаи байниҳукуматии миёни Тоҷикистон ва Федератсияи Русия “Дар бораи фаъолияти меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳрвандони Федератсияи Русия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва ҳамин гуна созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон ба имзорасида ёд карда, бо зикри мушаххасоташон онҳоро қадами ҷиддие дар роҳи танзими ҳуқуқии муҳоҷирати меҳнатӣ мешуморад.

Зимни баррасиҳо диссертант ба натиҷае мерасад, ки масъалаи таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандони кишвари мо, ки барои фаъолияти меҳнатӣ ба хориҷ мераванд, дар низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ то ҳол ҳалли худро наёфтааст ва вобаста ба фарқу мухолифат дар қонунгузории байни тарафҳои равонкунандаву қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ боз ҳам зарурати такмили ин низом вуҷуд дорад.

Боби дуюми диссертатсия, ки "Проблемаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар нашрияҳои "Ҷумҳурият" ва "Озодагон" ном дорад, "доираи мавзӯъҳои муҳоҷирати меҳнатии тоҷикон дар нашрияи "Ҷумҳурият" ва вазъи "инъикоси мушкилоти муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҳафтаномаи "Озодагон"-ро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Диссертант зимни таҳқиқи қиёсӣ ва таҳлилии маводе, ки дар мавзӯи муҳоҷирати меҳнатии берун аз марзи тоҷикон дар нашрияи «Ҷумҳурият» нашр шудааст, ба хулосае меояд, ки паҳлуҳои гуногуни мавзӯи муҳоҷирати меҳнатӣ инъикоси худро ёфта, моҳияти бисёр масъалаҳои марбут ба ин раванд холисона таҳлил ва арзёбӣ гардидааст, ки арзиши таблиғотию раҳнамоикунанда доранд.

Чун риояи шарти таҳқиқ, диссертант таъкид мекунад, ҳамаи мавзӯъҳое, ки аз ин раванд берун омадаанд, дар рӯзнома ба таври лозим инъикос наёфтаанд. Аз ҷумла, масъалаҳои касбияти муҳоҷирони меҳнатӣ, намудҳои муҳоҷират ва суду зиёни он, дараҷаи мутобиқшавии муҳоҷирони меҳнатии тоҷик ба низоми ҳуқуқии кишварҳои корфармо, беҳимоятии муҳоҷирони меҳнатӣ ва омилҳои таъсиргузор ба ин раванд, таъсири муҳоҷират ба генофонди миллат, суду зиёни ин раванд ба дурнамои иқтисодиёти кишвар, нақши муҳоҷирони меҳнатӣ дар модернизатсияи ҷомеаи тоҷикон ба таври бояду шояд мавриди таваҷҷуҳи идораи нашрия қарор нагирифтааст.

Дар фасли дуюм пас аз таҳлил ва арзёбии маводи ҳафтаномаи «Озодагон» оид ба инъикоси мушкилоти муҳоҷират ва вазъи воқеии муҳоҷирони меҳнатӣ диссертант ба хулосае расидааст, ки ҳафтанома

“тамоюли айнии инъикоси мушкилоти раванди муҳоҷирати меҳнатиро пеш гирифта, дар фарогирии воқеаҳо, ҳадафҳо ва вазифаҳои касбӣ ормонҳои хонандагонро ба эътибор гирифта”, ба воқеияти ҳаёти муҳоҷирон ва равшан сохтани мушкилоти онҳо нигоҳи ҷиддии касбӣ доштааст.

Дар боби сеюми диссертатсия, ки “Тарз ва василаҳои инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар матбуоти даврӣ” ном дорад, “инъикоси воқеияти марбут ба муҳоҷират дар қолаби жанрҳои ахборӣ” ва “нақши жанрҳои таҳлилӣ дар инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ” дар нашрияҳои мавриди назар таҳқиқ шудааст. Доир ба зарурати таваҷҷуҳ ба тарзу воситаҳои инъикос диссертант дуруст мегӯяд, ки таҳлили усули инъикоси мавзӯи муҳоҷирати меҳнатӣ ва арзёбии сохтори жанрию мавзӯии маводи ҳарду нашрия нақши касбии онҳоро дар фазои иттилоотии кишвар мушаххас месозад.

Зимни таҳқиқ диссертант ба натиҷае расидааст, ки истифодаи жанрҳои ахборӣ ва таҳлилӣ аз тарафи ҳарду нашрия огоҳонаю ҳадафмандона буда, навъҳои гуногуни ин жанрҳо барои инъикоси ҳаматарафаи воқеиятҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷараёни муҳоҷирати меҳнатӣ мусоидат кардааст.

Дар баробари ин комёбиҳо дар диссертатсия чанд камбудӣ низ ба назар расид:

- Диссертант дар бахши аҳамияти мавзӯъ таҳқиқи нақши расонаҳо дар ошкор сохтани масъалаҳои баҳсноки муҳоҷиратро омили арзёбии дурнамои касбӣ ва ахлоқии воситаҳои ахбори омма мешуморад. Дар таҳқиқи ӯ арзёбии дурнамои касбӣ дар маҷмӯъ, вуҷуд дорад, аммо мушаххасан доир ба оқибатҳои ахлоқии фаъолияти расонаҳо изҳори назар нашудааст;

- Ҳолатҳои зикр накардани сарчашмаи иқтибос ва риоя нагардидани тартиби ягонаи иқтибосгузорӣ ҳангоми истифодаи сарчашмаҳо ба назар расид;

- Ду ҳолати такрори айнани фикр мушоҳида шуд.
- Диссертант баъзан давраи мушаххаси таҳқиқи худро (солҳои 2000-2015) фаромӯш кардааст. Масалан, дар фасли дуюми боби дуюм то имрӯз мегӯяд. Ин дар ҳолест, ки нашрияи "Озодагон" айни замон ба табъ намерасад.
- Дар диссертатсия хатоҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар расид. Барои мисол, дар якчанд ҳолат насаби муҳаққиқ Ӯлмасов ва номи кишвари Ӯзбекистон бо ҳарфи хурд навишта шудааст.

Эродҳое, ки зикрашон рафт, ба арзиши умумии диссертатсия таъсири ҷиддӣ надоранд. Автореферат ва маҷмӯи маводи нашршуда ба мундариҷаи диссертатсия мувофиқат мекунанд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи номзадии Сайфиддинова Гулчеҳра Азимовна дар мавзӯи "Инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар матбуоти даврии Тоҷикистон (дар заминаи маводи нашрияҳои "Ҷумҳурият" ва "Озодагон" – 2000-2015)" ба талаботи диссертатсияи номзадӣ ҷавобгӯст ва муаллифи он ба дарёфти унвони номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

**Муқарризи расмӣ:**
**Номзади илмҳои филология,**
**Сармуҳаррири Муассисаи**
**давлатии маҷаллаи "Илм ва ҳаёт"** **Раҳимҷонов Х.У.**

*Суроға: ш. Душанбе, к. Н. Қаробоев 17 а*
*Тел.: +992 233-18-25, 93-489-26-56*
*E-mail: khushdil_09@list.ru*

*Имзои Раҳимҷонов Хушдилҷон*
*Умарқуловичро тасдиқ мекунам:*
**Масъули бахши кадрҳо:** **Ҳалимова Б.М.**